" Тасдиқ мекунам"

директори Институти геология, сохтмони ба замичунбӣ тобовар ва сейсмологияи АМИТ

________________________Аминзода П.

"__02__" феврали соли 2024

**ХУЛОСАИ**

**Ҷаласаи лабораторияи канданиҳои фоиданоки Институти геология, сохтмони ба заминҷунбӣ тобовар ва сейсмологияи АМИТ ба диссертатсияи Сафари Нусратулло дар мавзӯъи «Асосноккунии геоэкологӣ, бехатар ҷойгиронӣ, нигоҳдорӣ ва дафни партовҳои саноати кӯҳии майдони маъдании Чоре (Тоҷикистони Марказӣ)» оид ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои геология ва минералогия аз рӯйи ихтисоси 25.00.36 - Геоэкология ва идоракунии истифодабарии табиат (25.00.36.01 - Соҳаи илмҳои геологӣ-минералогӣ) (Нусха аз протоколи №2 аз 30-уми январи соли 2024)**

**Иштирок доштанд:** ходимони лабораторияи канданиҳои фоиданоки ИГСЗТС АМИТ: Гадоев М. Л. – муовини директор оид ба илм, н.и.г-м.; Файзиев Ф. А. – ходими калони илмӣ, н.и.г-м; Мираков М. А. - ходими калони илмӣ; Абдулов Ш. Б. - ходими калони илмӣ; Урунов Б. Д. – мудири осорхонаи геологӣ.

**Даъватшудагон**: Оспанова Н. К. – мудири лабораторияи палеонтология ва стратеграфия ИГСЗТС, д.и.г.-м; Каримов Ф. Ҳ. – мудири лабораторияи тадқиқоти комплексии сейсмикӣ ва геофизикии ИГСЗТС, д. и. ф.- м., профессор; Валиев Ш. Ф. – сарходими илмии ИГСЗТС , д.и.г.-м, профессор; Ғафуров Ф. Ғ. - и. в. мудири лаборатория геодинамикаи фанерозой ва петрогенезиси ИГСЗТС, н.и.г.-м.; Муродкулов Ш. Я. - мудири лабораторияи баҳодиҳии хатарҳои сейсмикии ИГСЗТС; Сангинов А.- ходими калони ИГСЗТС н.и.т.; Ятимов С. Б. - Вазорати маориф ва илмӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон, н.и.г.-м.; Ҷобиров А. – ходими илмии ИГСЗТС; Файзуллоев Ш. А – сардори гурӯҳи ГИС ва зондкунии дистансионӣ, ходими калони илмии ИГСЗТС; Нарзиев Ҷ. М – муҳандис барномасозӣ ИГСЗТС; Раҳимбекова М. Р – ходими илмии ИГСЗТС.

**Рӯзномаи ҷаласа:**

1. Муҳокимаи такрории рисолаи диссертатсионии унвонҷӯи лабораторияи канданиҳои фоиданоки ИГСЗТС АМИТ Сафари Нусратулло дар мавзӯъи **«Асоснокгунии геоэкологӣ, бехатар ҷойгиронӣ, нигоҳдорӣ ва дафни партовҳои саноати кӯҳии майдони маъдании Чоре (Тоҷикистони Марказӣ)»**. Барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои геология ва минералогия аз рӯйи ихтисоси 25.00.36 - Геоэкология ва идоракунии истифодабарии табиат (25.00.36.01 - Соҳаи илмҳои геологӣ - минералогӣ) пешниҳод шудааст, ки дар ҷаласаи Шурои илмии ИГСЗТС АМИТ тасдиқ шудааст.

2. **Масалаҳои гуногун.**

Оид ба баррасии масъалаи якуми ҷаласа раис Гадоев М. Л. – муовини директор оид ба илм баромад намуда, суханро барои равшани андохтан ба масъалаи мазкур ба роҳбарии илмии унвонҷӯ д.и.г.-м., профессор Валиев Ш.Ф дод.

**Валиев Ш. Ф** - қайд намуд, ки парвандаи унвонҷӯ Сафари Н бо сабабҳои техникӣ яъне такроран аз комиссияи экспертии шуро нагузаронидани риссолаи диссертатсионӣ ва хулосаи дахлдори комиссия оид ба ин масъала буд. Нисбати содир намудани ин хатогии техникӣ ба котиби илмии шуро Ғайратов М.Т. аз ҷониби раиси шуро танбеҳ эълон гардид. Нисбати бозпас хондани парвандаи унвонҷӯ аз сомонаи КОА назди Президенти ҶТ қарори ҷаласаи ғайринавбатии шуро қабул гардид. Аз ин рӯ зарурати такроран барраси намудани масъалаи мазкур ба миён омад.

**Шунида шуд:**

Маърузаи унвонҷӯ Сафари Нусратулло дар мавзӯъи «Асоснокгунии геоэкологӣ, бехатар ҷойгиронӣ, нигоҳдорӣ ва дафни партовҳои саноати кӯҳии майдони маъдании Чоре (Тоҷикистони Марказӣ)».

Унвонҷӯ оид ба мубрамӣ, мақсад ва вазифаҳои мавзӯъро асоснок карда, аҳамият, ҳадаф ва вазифаҳои рисолаи диссертатсиониро баён кард, Муқаррароти асосии барои ҳимоя, навоварӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалии рисоларо арзёбӣ кард.

**Баромад намуданд:**

**Гадоев М. Л.** - ҷонишини директор оид ба илми ИГСЗТС АМИТ, н.и.г.-м. Моро зарур аст, ки рисолаи мазкурро бори дигар барасӣ намуда тибқи талаботи низомнома қарори дахлдор қабул намоем. Рисолаи диссертатсионӣ дар сатҳи хуб омода ва ба анҷом расонида шудааст, мутасифона бо хатогии техникӣ аз сомонаи КОА-и назди Президенти ҶТ бозпас карда шуд. Дар асоси маълумотҳои мавҷуда аслияти диссертатсия 98,48% ва аслияти автореферат 76,03%-ро ташкил медиҳад, ки ба талаботи бандҳои Низомномаи шурои

диссертатсионӣ мутобиқ мебошад. Аз ин рӯ, пешниҳод менамоям рисолаи унвонҷӯ Сафари Нусратулло такроран ба шурои диссертатсионӣ 6D.KOA-057 аз рӯйи ихтисоси 25.00. 36 - Геоэкология ва идоракунии истифодабарии табиат (25.00.36.01- Соҳаи илмҳои геологӣ-минералогӣ) пешниҳод карда шавад ва аз ҳамкорон хоҳиш менамоя, ки пешниҳодро дастгирӣ намоянд.

**Ғафуров Ф. Ғ.** – и.в мудири лаборатория геодинамикаи фанерозой ва петрогенезиси ИГСЗТС, н.и.г.-м.

Ман бо рисолаи унвонҷӯ Сафари Нусратулло бо пуррагӣ шинос ҳастам, зеро чандин маротиба корро хондам ва нисбаташ эрод надорам. Тибқи талаботи таҳсилоти олии касбӣ унвонҷӯ ё ин, ки аспирант вазифадор аст, ки дар ҳар квартали сол ва инчунин дар конфронсҳои илмӣ-назариявӣ, барномаҳои корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедра ва лабораторияҳо фаъолона иштирок намуда, оид ба мавзӯи рисола мақолаҳои илмӣ чоп намояд. Теъдоди мақолаҳо тибқи талабот басанда аст Нуқтаҳои ҳимояшавандаи рисола ба шиносномаи ихтисоси 25.00.36 - Геоэкология ва идоракунии истифодабарии табиат (25.00.36.01- Соҳаи илмҳои геологӣ-минералогӣ) барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои геология ва минералогия мувофиқат мекунад. Пешниҳод менамоям, ки рисолаи номзадии унвонҷӯ Сафари Нусратулло такроран ба шурои диссертатсионӣ аз рӯи ихтисоси зикргардида пешниҳод карда шавад.

**Каримов Ф. Ҳ** - доктори илмҳои физика ва математика, профессор. Албата дар бозпас гардидани парвандаи аттестатсионии унвонҷӯ коти илмии шуро мебоист ҳуҷҷатҳои унвонҷӯро бо пуррагӣ омӯхта сипас ба сомонаи КОА пешниҳод мекард. рисолаи номзадии Сафари Нусратулло дар асоси маводҳо ҷамъовари намудаи худи ӯ навишта шудааст. Усулҳои навтарини таҳлилӣ истифода шуданд. Дар оянда котиби илмии шуро бояд ҷиддитар муносибат намуда, ба хатогиҳои техникӣ роҳ надиҳад. Рисолаи унвонҷӯ пурра ба талабот ҷавобгӯ буда, дар оянда метавонад такроран барои ҳимоя аз рӯйи ихтисоси 25.00.36 - Геоэкология ва идоракунии истифодабарии табиат (25.00.36.01 - Соҳаи илмҳои геологӣ-минералогӣ) ба шурои диссертатсионӣ тавсия карда шавад.

**Оспанова Н. К –** доктори илмҳои геология ва минералогия.
Фикру андешаи ҳамкасбонро дастгирӣ менамоям ва ҳаминро гуфтанӣ ҳастам, ки котиби илмӣ набояд чунин хатогиро зоҳир намояд. Аз баски рисола бо забони давлати навишта шудааст, ман танҳо автореферати унвонҷӯро хондам. Бори аввал маърӯза бо забони русӣ буд, ман фикри худро оид ба рисола баён намуда будам,сипас баъди хоҳиши роҳбари илмӣ ва талатботи КОА ва қарори дахлдори қабулгардида ба забони давлати тарҷума карда шуд. Рисолаи унвонҷӯ пурра ба талабот ҷавобгӯ буда, дар оянда метавонад такроран барои

ҳимоя аз рӯйи ихтисоси 25.00.36 - Геоэкология ва идоракунии истифодабарии табиат (25.00.36.01 - Соҳаи илмҳои геологӣ-минералогӣ) ба шурои диссертатсионӣ тавсия карда шавад.

**Мақсади омӯзиш.** Мақсади асосии рисолаи номзадӣ арзёбии геоэкологии пайдоиши партовҳои саноатӣ кӯҳӣ, ошкор намудани миқёсӣ ифлосшавии муҳити зист бо мақсади барқарорсозии заминҳои вайроншудаи техногенӣ ва таҳияи чорабиниҳо оид ба коҳиш додани хавфҳои геологӣ мебошад.

**Ҳадафҳои тадқиқот.** Ба хотири муваффақ шудан ба мақсадҳои гузошташуда иҷроиши вазифаҳои зерин дар назар гирифта шуданд:

- ошкор намудани хусусиятҳои геоэкологии майдони маъдании Чоре ва таъсири он ба муҳити зист;
- таҳия ва усули барқарорсозии заминҳои вайроншудаи техногении майдони маъданӣ ва ҳудудҳои ҳамҷавори он;
- таҳия ва markсозии партовгоҳҳо барои бартарафсозии партовҳои саноатӣ кӯҳӣ ва полоиши обҳои сатҳӣ аз минтақаи майдони маъданӣ ва ҳудудҳои ҳамҷавори он;
- ҷори намудани маҷмӯи чораҳои ҳимоявӣ оид ба муҳити зист ва таҳияи чорабиниҳо оид ба бартарафсозӣ ва коҳиш додани хавфҳои геологӣ.

**Объекти тадқиқот** конҳои маъдани тилло, ангишт ва ғайримаъдании майдони маъдании Чоре ва ҳудудҳои ҳамҷавор маҳсуб мешаванд.

**Навгониҳои илмии таҳқиқот.** Бо назардошти он, ки майдони маъдании Чоре объекти пурра наомӯхташуда маҳсуб меёбад, аз ҷониби мо бори нахуст хусусиятҳои геоэкологии майдони маъданӣ ва таъсири он ба муҳити табиӣ пешниҳод карда мешавад:

- бори аввал хусусиятҳои геоэкологии майдони маъданӣ ва таъсири он ба муҳити табиӣ ошкор карда шуданд;
- бори аввал қонуниятҳои тағйири таркиби физикӣ-кимиёвии шабакаҳои экологии дарёҳо ва обҳои зеризаминӣ, грунтҳо дар минтақаи майдони маъданӣ ошкор карда шуданд ;
- бори аввал усули барқарорсозии заминҳои вайроншудаи техногении майдони маъдании Чоре ва ҳудудҳои ҳамҷавор таҳия карда шуд;
- бори аввал маҷмӯи чораҳои муҳофизатии табиӣ ва таҳияи чорабиниҳо оид ба бартарафсозӣ ва коҳиш додани онҳо ҷорӣ карда шуд.

**Аҳамияти назариявӣ ва илмию амалии тадқиқот.** Натиҷаҳои бадастомадаро дар самтҳои зерин амалӣ кардан мумкин аст:

- пешниҳодҳои таҳияшуда оид ба кам кардани таъсири манфӣ ва мониторинги геоэкологии минтақаи таъсири партовгоҳи Чоре ва ҳудудҳои ҳамҷавор барои истифода дар тарҳрезии тадбирҳои экологӣ дар Кумитаи

ҳолатҳои фавкуллода ва мудофиаи гражданӣ ва КҲФ-и назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- натиҷаҳои илмии ба даст омада дар ҷараёни таълим дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ дар ш. Душанбе ҳангоми иҷроиши корҳои лабораторӣ ва амалӣ оид ба фанҳои "Экологияи муҳити зист", "Геоэкология", "Мониторинги экологӣ" ва "Коркарди конҳои маъданӣ" васеъ истифода мешаванд;

- тавсияҳои амалӣ метавонанд, ки дар истеҳсолоти геологӣ ҳангоми иҷроиши корҳои геологӣ-ҷустуҷӯӣ ва геологӣ-иктишофӣ дар майдонҳои зуҳуроти тилло васеъ мавриди истифода қарор гиранд.

**Нуқтаҳои асосии ҳимояшаванда.**

1. Баҳодиҳии геоэкологии ташаккули партовҳои истихроҷи маъдан имкон медиҳад, ки миқёси ифлосшавии муҳити зист бо мақсади мелиоративии заминҳои аз ҷиҳати техногенӣ вайроншуда, муайян карда шавад.
2. Тадқиқоти гузаронидашуда нишон медиҳанд, ки хатарҳои геоэкологӣ дар минтақаи сохторҳои навтарини тектоникии майдони маъданӣ хусусияти меросӣ доранд.
3. Харитаҳои геоэкологии тартибдодашудаи баҳодиҳӣ, намудсозӣ ва пешгӯйи хатарҳои геоэкологӣ ба коҳиши самараноки таъсири манфии хатарҳо ба инфрасохтор ва аҳолии Тоҷикистони Марказӣ мусоидат мекунанд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳо** бо бандҳои зерин тасдиқ карда мешавад: - маводи аслии воқеӣ аз ҷониби унвонҷӯ ҳангоми омӯзиши саҳроии зуҳуроти РМЗ ҷамъоваришуда, маълумот аз усулҳои муосири лабораторӣ ва таҳлилии намунаҳои хок, ҷинсҳо, маъданҳо ва минералҳо, усулҳои коркарди маълумоти оморӣ ва математикӣ, нашри натиҷаҳои таҳқиқот дар ҳамасола маҷаллаҳои аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияшуда.

**Мутобиқати рисола ба шиносномаи ихтисоси илмӣ** (бо тавзеҳот ва самти тадқиқот). Мундариҷаи таҳқиқоти диссертатсияи мазкур ба бандҳои 1.8, 1.9, 1.16, 1.17 ва 3.3 аз рӯйи ихтиссоси 25.00.36 – Геоэкология ва идоракунии истифодабарии табиат (25.00.36.01- Соҳаи илмҳои геологӣ-минералогӣ) мувоффиқ аст:

1.8. Муҳити табиӣ ва геоиндикаторҳои тағйирёбии он дар зери таъсири урбанизатсия ва фаъолияти хоҷагии инсон: олудашавии кимиёвӣ ва радиоактивии хокҳо, ҷинсҳои кӯҳӣ, обҳои руизаминӣ ва зеризаминӣ ва камшавии захираҳои онҳо.

1.9. Арзёбии ҳолат, тағйирот ва идоракунии ландшафтҳои замони ҳозира.

1.16. Ҷанбаҳои геоэкологии рушди устувори минтақаҳо.

1.17. Арзёбии геоэкологии ҳудудҳо. Усулҳои муосири харитасозии геоэкологӣ, системаҳои иттилоотӣ дар геоэкология.

3.3. Ҷанбаҳои геоэкологии истифодаи оқилона ва ҳифзи сарватҳои зеризаминии қаъри Замин ва эҳёкунии (рекултиватсияи) ҳудудҳои дар раванди истихроҷ ва азхудкунии маъданҳои сахт вайроншуда.

**Саҳми шахсии довталаб дар омӯзишу таҳқиқот.** Дар рисолаи номзадӣ натиҷаҳои бисёрсолаи таҳқиқоти муаллиф дарҷ гардидаанд. Муаллиф бевосита дар корҳои саҳроӣ, дар соҳаи муҳандисӣ–геологӣ, геоэкологӣ ва харитасозии минтақа иштирок кардааст. Аз ҷониби муаллиф харитаҳои муҳандисӣ-геоэкологӣ ва арзёбии хавфҳои геоэкологӣ дар минтақаи майдони маъданӣ тартиб дода шудааст. **Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия (гузориши нуктаҳои асосии диссертатсия дар конференсияҳо, маҷлисҳо, семинарҳо ва дигар ҳамоишҳои илмӣ).** Натиҷаҳои асосии диссертатсия дар конференсияҳои гуногуни байналмиллалӣ ва ҷумҳуриявӣ рӯйи чоп оварда шудаанд: Юбилейный сьезд Росийского минералогического общество «200-лет РМО» (Санкт-Петербург, 10-13 октября 2017г), Конференсияи байналмилалии илмӣ–амалӣ «Ҳамкориҳои Байналмилалии давлатҳои ҳавзаҳои дарёҳои фаромарзӣ вобаста ба таъсири тағйирёбии иқлим ба пиряххо ва захираҳои гидроэнергетикии Осиёи Марказӣ», бахшида ба даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор» (солҳои 2018-2028), «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» (солҳои 2020-2040), «Солҳои Рушди саноат (солҳои 2022-2026)», «Соли байналмилалии ҳифзи пиряххо» (соли 2025), (Душанбе, 2023).

**Нашри мақолаҳо аз рӯйи мавзӯъи диссертатсия.** Мутобиқ ба мавзӯъи илмӣ 7 мақолаи чопӣ, ки аз инҳо 5 тоаш дар маҷаллаҳои тавсиягардидаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон рӯйи чоп омадаанд.

**Феҳристи таълифоти илмии муаллиф:**

1. **Сафари Н**. Кальциты поздних генераций и мраморные ониксы Чоринского золоторудного месторождения (Центральный Таджикистан). Малахов Ф. А. Кабутов В. // Юбилейный сьезд Минералогического общество Росии. «200-лет РМО» (Санкт-Петербург, 10-13 октября 2017г), №2 С. 257-259.

2. **Сафари Н**. Тағйирёбии шароити гидрогеологии майдони маъдании Чоре дар шароити дигаргуншавии иқлим. Назаров Ҷ.О. // Конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ «Ҳамкориҳои Байналмилалии давлатҳои ҳавзаҳои дарёҳои фаромарзӣ вобаста ба таъсири тағйирёбии иқлим ба пиряххо ва захираҳои гидроэнергетикии Осиёи Марказӣ», бахшида ба даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор» (солҳои 2018-2028), «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи

илму маориф» (солҳои 2020-2040), «Солҳои Рушди саноат (солҳои 2022-2026)», «Соли баналмилалии ҳифзи пиряхҳо» (соли 2025) 27-майи соли 2023 (Душанбе, 2023). №1 С. 271–275.

3. **Сафари Н.** Влияние горнопромышленных предприятий рудного поля Чоре на окружающую среду // «Гузоришҳои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон». Душанбе, соли 2023, Том 66, №5-6 С. 355–360.

4. **Сафари Н**. Рудоносность в Чоринском рудном поле. Назаров Ҷ. О. // «Илм ва инноватсия». Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои геологӣ ва техникӣ. Душанбе, соли 2023, №3 С. 5–9.

5. **Сафари Н**., Масоили геоэкологии ҷамъоварӣ ва гӯркунии партовҳои саноатӣ кӯҳии майдони маъдании Чоре. // «Илм ва инноватсия». Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои геологӣ ва техникӣ. Душанбе, соли 2023, №3 С. 22–27.

6. **Сафари Н.** Воздействия захороненных токсичных отхотод рудного поля чоре на геоэкологическую среду. Валиев. Ш. Ф. // Ахбори Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. 2023 с № 3. (192) С. 117–123.

7. **Сафари Н.** Усули муосири анборкунии маъдан дар шароитиҳои мураккаби муҳандисӣ-геологӣ (дар масоили кони ангишти Фон-Яғноб) // Илм ва инноватсия. Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои геологӣ ва техникӣ. Душанбе соли 2023. №4 С. 13–18.

## ҚАРОР КАРДА ШУД:

1. Рисолаи диссертатсионӣ ба ихтисоси 25.00.36 - Геоэкология ва идоракунии истифодабарии табиат (25.00.36.01 - Соҳаи илмҳои геологӣ-минералогӣ) мувоффиқат мекунад.

2. Диссертатсия, автореферат ва мақолаҳои муаллиф ба мазмуну муҳтавои кор мувоффиқ мебошанд.

3. Рисолаи диссертатсионии Сафари Нусратулло дар мавъзӯи «Асосноккунии геоэкологӣ, бехатар ҷойгиронӣ, нигоҳдорӣ ва дафни партовҳои саноати кӯҳии майдони маъдании Чоре (Тоҷикистони Марказӣ)» оид ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои геология ва минералогия аз рӯйи ихтисоси 25.00.36 - Геоэкология ва идоракунии истифодабарии табиат (25.00.36.01- Соҳаи илмҳои геологӣ – минералогӣ) такроран ба шурои диссертатсионии 6D.КОА-057 пешниҳод карда шавад.

Натиҷаи овоздиҳӣ барои такроран пешниҳоди рисолаи номзадии Сафари Нусратулло ба шурои диссертатсионии 6D.КОА-057 барои ташхиси аввалия: тарафдор – 5 нафар, зид – нест, бетараф – нест.

Протоколи № 2 аз 30-уми январи соли 2024

Хулосаи лабораторияи канданиҳои фоиданоки Институти геология, сохтмони ба заминҷунбӣ тобовар ва сейсмологияи АМИТ дар маҷлиси васеъ қабул карда шудааст.

Раис: Гадоев М.Л.

Котиб: Абдулов Ш.Б.

Имзои Гадоев М.Л. ва Абдулов Ш.Б.-ро
тасдиқ мекунам: Нозири калон оид ба кадрҳои
Институти геология, сохтмони ба заминҷунбӣ
тобовар ва сейсмологияи АМИТ Юсупова З.